«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи технологии
Тоҷикистон
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
__________Раҳмонзода З.Ф.
«__» ____10______2024с.

# ХУЛОСАИ ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН

Кори диссертатсионӣ “**Коркарди технологияи истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ бо истифодаи рангҳои табиии ғизоӣ**” дар кафедраи кимиёи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Саидов Ҳусен Аламуродович соли 2018 Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро бо дараҷаи бакалаври техника ва технология аз рӯи ихтисоси “Технологияи консервакунонӣ” ва соли 2021 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро дар зинаи магистратура аз рӯи ихтисоси биолог-биотехнолог хатм намудааст.

Аз 24 августи соли 2021 бо фармони ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таҳти № 27/А ба зинаи докторантураи (PhD) ДТТ қабул шудааст. Дар давоми таҳияи диссертатсия Саидов Ҳ.А. ҳамзамон ба ҳайси лаборант дар кафедраи химияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Шарипова Мавзуна Баҳириддиновна, номзади илмҳои химия, дотсенти кафедраи химияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

**Аз рӯи натиҷаҳои муҳокима ҳайъати ҷаласа ба чунин хулоса омад:**

**Мубрамияти мавзӯи диссертатсия.**

Ғизои солим барои нигоҳ доштани саломатии инсон аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Тарзи ғизогирӣ яке аз омилҳои муҳимтарини таъмин намудани саломатӣ ва коршоямии аҳолӣ ҳисобида мешавад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифатро яке аз ҳадафҳои муҳимтарини рушди кишвар мешуморад, зеро “Беҳтар намудани вазъи истеъмоли ғизо дар байни аҳолӣ ҳамчун мушкилии то ба охир ҳалношуда боқӣ мемонад.

Дар “Стратегияи милии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, ки соли 2016 қабул шудааст, қайд гардидааст, ки “Ҳадафи олии рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар бар пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ маҳсуб меёбад”. “Барои ноилшавӣ ба ин ҳадафи олӣ” як қатор “Ҳадафҳои стратегӣ муайян шудаанд, аз он ҷумла “Таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат”.



Scanned with CamScanner

Баробари муайян намудани чорабиниҳо оид ба ҳалли ин масъалаҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қонунҳо ва барномаҳои марбутаро, аз қабили Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи амнияти озуқаворӣ” ва “**Мубрамияти мавзӯи диссертатсия.**

Яке аз ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки дар асоси муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва мутобиқи ҳадафҳои дарозмуҳлат ва афзалиятҳои рушди кишвар, ки дар паёмҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён шудаанд, таҳия гардидааст, ин таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат мебошад. Дар ҳуҷҷати мазкур қайд гардидааст, ки таъсири бемориҳои ғайрисироятӣ дар байни аҳолӣ зиёд мегардад, агар мушкилиҳо аз ҷумла ғизогирии нодуруст ва ғизоҳое, ки ба саломатӣ зарар дорад, боқӣ монад. Қайд карда шудааст, ки “Таъмини солимии аҳолӣ масъалаи байнисоҳавӣ буда, ҳалли он аз мукаммалии истеъмоли ғизо, дараҷаи некӯаҳволӣ ва самаранокии низоми тандурустӣ вобастагӣ дорад, аз ин рӯ равиш ва роҳҳои ҳалли он бояд маҷмӯӣ бошад.

Яке аз махсусиятҳои саноати озуқаворecho муосир истифодаи шумораи зиёди иловагиҳои хӯрока, аз он ҷумла рангҳои ғизоӣ, мебошад. Ранги маҳсулоти хӯрока метавонад зимни коркарди ашё ё нигоҳдории маҳсулот тағйир ёбад ё паст шавад. Инчунин як қатор маҳсулоте мавҷуд аст, ки аз ашёи беранг истеҳсол мешаванд, лекин бояд ранги муайян дошта бошанд. Ранг яке аз нишондиҳандаҳои сифати маҳсулот ҳисобида мешавад. Бинобарин қариб тамоми масулоти хӯрока ҳангоми коркард ва истеҳсол ранг карда мешаванд. Ба мақсади барқарор намудани ранги маҳсулот ё додани ранги дилхоҳ ба маҳсулот дар корхонаҳои истеҳсолӣ аз рангҳои синтетикӣ ва табиӣ истифода мебаранд. Рушди технологияи муосир саноати рангҳои синтетикиро инкишоф додааст. Рангҳои синтетикӣ аз сабаби устуворӣ ба омилҳои гуногун (ҳарорат, вақт, pH, рушноӣ ва ғ.) қобилияти рангофарӣ, нисбатан арзиши аслии паст доштан, тадриҷан рангҳои табииро иваз намуданд. Аммо тадқиқотҳои охир таъсири манфии ин рангҳоро ба муҳити зист ва организми инсон исбот намуд. Тахминан 10-15% тамоми рангҳои дар ҷаҳон истеҳсолшаванда ба обҳои партови корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, дохил мешавад, ки ба экосистемаи обӣ таъсири манфӣ мерасонад. Инчунин рангҳои синтетикӣ аз моддаҳои кимиёвӣ



Scanned with CamScanner

ба монанди бензол, толуол ва анилин, аз қатрони ангишт ба воситаи як қатор реаксияҳои органикӣ, аз қабили сулфонизатсия, нитрификатсия ва нитритизатсия, синтез карда мешаванд, бинобар ин онҳо дар сохтори худ ҳалқаҳои бензол ё пайвастагиҳои нитрогенӣ доранд. Дар робита ба ин, ҳангоми ворид шудан ба организм бо воситаи ғизо ба бадан ҷабида мешаванд ва ба кансерогенҳо таҷзия мешаванд. Ҳосилаҳои таҷзия метавонанд дар организм ҷамъ шаванд ва пас аз расидан ба ҳадди ниҳоӣ, бемориҳои гуногунро аз қабили ҳасосият, рушди саратон, гиперфаъолнокӣ дар кудакон, норасоии диққат, нуқсонҳои таваллудӣ ва ғ. ба вуҷуд орад.

Рангҳои ғизоии табиӣ, ки манбаашон асосан растаниҳо мебошанд, чунин таъсири манфӣ надоранд, зеро дар муддати ҳазорсолаҳо организми инсон ба моддаҳои рангкунанда мутобиқ гардидааст. Рангҳои ғизоии табиӣ дар таркибашон ғайр аз моддаҳои рангкунанда, моддаҳои дигари аз ҷиҳати биологӣ фаъол аз қабили витаминҳо, сафедаҳо, кислотаҳои органиқи ва ғ. доранд. Худи моддаҳои рангкунанда дорои фаъолияти биологӣ мебошанд. Ин хосият моддаҳои рангкунандаи табиӣ сабаби ҷалби таваҷҷуҳи олимон ва мутахассисиони соҳаи истеҳсоли маҳсулоти хӯрока гардидааст.

Яке аз самтҳои асосии саноати озуқаворӣ, ки дар технологияашон бештар рангҳои ғизоӣ истифода бурда мешавад, ин маҳсулоти қаннодӣ мебошад, ки дар байни гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ талабгорони бештар дорад. Таҳлилгарон зимни тадқиқ муқарар намуданд, дар дастурамали маҳсулоти қанодӣ дар умум 53,3% рангҳои табиӣ, 33,3% синтетикӣ ва 13,4% минералӣ (узвӣ), истифода бурда мешаванд. Аз ҷумла дар маҳсулоти қаннодий-қандӣ – карамел, мармелад ва зефир аксар вақт аз рангҳои синтетикӣ - E102 (тартразан), E124 (понсо 4R) инчунин аз рангҳои табиии ба монанди E100 (куркумин), E160a (каротинҳо) ва E160c (қатронҳои равғании паприка) истифода мебаранд. Аз рӯйи диапазони рангҳо, ки махсулоти каннодӣ рангин карда мешавад ранги сурх ва тобишҳои он ҳиссаи калон доранд (35,3%), зард ва тобишҳои зард (29,4%), сабз ва тобишҳои сабз (17,6%). Рангҳои кабуд, сафед, сиёҳ ҳассаи камтарро ишғол мекунад.

Ҳамин тариқ, тадқиқот дар самти ҷустуҷуи манбаи рангҳои ғизоии табиӣ ва истифодаи мақсадноки онҳо дар маҳсулоти хӯрока аз ҷумла маҳсулоти қаннодӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва саривақти ба ҳисоб меравад. Инчунин аҳамияти тадқиқоти мазкур барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки оламии набототаш беҳамтост бо зарурати ҳалли мушкилоти воридотивазкунӣ муайян карда мешавад, зеро рангҳои хӯрокворӣ, чун қоида, маҳсулоти истеҳсоли хориҷӣ мебошанд.

**Мақсади** тақҳиқоти мазкур ин коркарди технологияи маҳсулоти қаннодӣ бо истифодаи рангҳои ғизоӣ аз растаниҳои Тоҷикистон, омӯзиши

хосиятҳои физико-химиявӣ, технологӣ, фаъолнокии биологии рангҳои табии ғизоӣ ва коркади технологияи истеҳсоли ин рангҳо мебошад.

Барои расидан ба ҳадафҳои зикршуда **вазифаҳои зерин** бояд иҷро шаванд:
- Арзёбии потенсиали технологии моддаҳои рангдиҳанда аз растаниҳои кишвар бо мақсади истифодаи минбаъдаи экстрактхои онҳо дар маҳсулоти ғизоӣ;
- таҳқиқи раванди экстраксияи моддаҳои рангкунанда аз ашёи растанӣ, муайян намудани экстрагент, шароити оптималии экстрактсияи рангҳои табии ғизоӣ, таъсири омилҳои гуногун ба раванди экстрактсия;
- коркарди технологияи аз ҷиҳати илмӣ асосноккардашудаи истеҳсоли рангҳои табиии ғизоӣ аз растаниҳо;
- таҳқиқи хосиятҳои физикию химиявӣ ва таркиби химиявии рангҳои табии ғизоӣ;
- омӯзиши таъсири омилҳои гуногун ба устувории рангҳои табии ғизоӣ аз растаниҳо ҷудокардашуда;
- омӯзиши хосиятҳои биологии (заҳрнокӣ) экстрактҳои ҳосилкардашуда;
-омӯзиши имконияти истифодаи экстрактҳои ҳосилдкардашуда аз растаниҳо барои ранг кардани маҳсулоти қаннодӣ;
-коркарди технологияи истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ бо истифодаи рангҳои ғизоии табиӣ;

**Навовариҳои илмии** диссертатсияи иборат аст:

-аввалин маротиба рангҳои ғизоӣ аз растаниҳои дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯянда – чуб ва решаи дарахти санҷид, буттамеваи татум ва гули аббосӣ ҳосил карда шуд.
- таркиби химиявии экстрактҳои рангдиҳандаи ҳосилдкардашуда аз растаниҳои номбурда муайян карда шуд. Муайян гардид, ки дар таркиби экстракт аз решаи санҷид 25,3 г/л, буттамеваи татум – 12,6 г/л ва гули аббосӣ – 20,00 г/л моддаҳои рангкунанда мавҷуд ҳастанд; таркиби химиявии экстрактҳои ҳосилкардашуда дурнамои истифодаи онро ҳамчун ранги ғизоӣ дар технологияи маҳсулоти хӯрока, аз ҷумла маҳсулоти қаннодӣ исбот мекунад.
- фаъолнокии биологии экстрактҳои решаи санҷид ва меваи татум омухта шуд. Исбот гардид, ки экстрактҳои мазкур дорои таъсири зиддиоксидантӣ ва зиддиилтиҳобӣ доранд;



Scanned with CamScanner

- бехатарии рангҳои ҳосилкардашуда - заҳрнокии шадид, миқдорӣ металлҳои мутлақо заҳрнок (сурб ва кадмий), мавҷудияти микроорганизмҳои касалиовар ва мағорҳою замбуруғҳо омухта шуд. Муайян карда шуда, ки экстрактҳои ҳосилкардашуда аз чуб ва решаи санҷид ва меваи татум ба синфи чоруми заҳрнокӣ (заҳрнокии кам) таалуқ доранд. Металлҳои вазнин ва микроорганизмҳои касалиовар, мағорҳо ва замбуруғҳо дар таркиби экстрактҳои ҳосилшуда ёфт нашудаанд. Экстрактҳои номбурдашуда ба яке аз талаботҳо доир ба рангҳои ғизоӣ – безарарӣ ҷавобгу мебошанд ва онҳоро дар технологияи истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ истифода бурдан мумкин аст.

-Нишондодҳои физикӣ-химиявӣ ва хосиятҳои технологии экстрактҳои ҳосилкардашуда муайян карда шуд. Муқаррар гардид, ки хосиятҳои физикӣ-химиявӣ ва хосиятҳои технологии экстрактҳои ҳосилкардашуда аз растаниҳо ба талаботи Регламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ғизоӣ доир ба рангҳои ҷавобгу аст;

-аввалин маротиба технологияи илмиасоси истеҳсоли рангҳои табиии ғизоӣ аз решаи санҷид, буттамеваи татум ва гули аббосии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон руянда коркард карда шуд. Тарзи истеҳсоли ранги ғизоӣ аз растаниҳо бо Нахустпатенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда шудааст.

-технологияи истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ-қандӣ дар мисоли карамел, крем барои шириниҳо, мармелад бо истифода аз рангҳои табиии ғизоӣ коркард карда шуд.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмӣ-амалии диссертатсия.** Аҳамияти назариявии таҳқиқҳои гукзаронидашуда аз он иборат аст, ки таркиби химиявии муқарраршудаи экстрактҳо аз решаи санҷид, буттамеваи татум ва гули аббосӣ тавсифоти биохимявии ин растаниҳоро фарохтар карда, фаъолнокии биологии онҳоро муайян мекунанд. Фаъолнокии биологии экстрактҳои таҳқиқшуда (хосияти зиддиоксидантӣ, зиддиилтиҳобӣ) экстрактҳои мазкурро на танҳо ҳамчун моддаи рангкунанда, инчунин ҳамчун маводи функсионалӣ барои баланд бардоштани қимати ғизоии маҳсулоти хӯрока тавсиф мекунанд.

Технологияи коркардшудаи истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ ва технологияи истеҳсоли рангҳои ғизоии табиӣ аз растаниҳо ба васеъ гардидани навъхои маҳсулоти қаннодӣ бо иловаи рангҳои табиӣ мусоидат менамояд.

Ба таври таҷрибавӣ технологияи нави ҳосил кардани рангҳои ғизоӣ аз ашеи хоми растанӣ тасдиқ гардида, мувофиқи мақсад будани истифодаи онҳо дар истеҳсоли гуруҳи алоҳидаи маҳсулоти қаннодӣ асоснок карда шуд (Нахустпатент № TJ 1367 2022. МПК C09B61/00, заял.06.10.2022;



Scanned with CamScanner

опубл.10.04 .2023, Бюл. № 194 Тарзи ҳосил кадани ранги сурхи ғизоӣ аз решаи санчид./ Саидов Х.А., Шарипова М.Б., Икроми М.Б., Мирзорахимов К.К..).

Имконияти истифодабарии рангҳои табии ғизоӣ аз растаниҳо дар технологияи истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ илман асоснок гардида ба таври таҷрибавӣ тасдиқ карда шуд. Бо мақсади васеъ намудани доираи истифодабарии рангҳои табии ғизоӣ, ки дорои моддаҳои фаъоли биологӣ ҳастанд, технологияи истеҳсоли рангҳои ғилзатноки моеъ (консентронидашуда) барои кремҳои шириниҳо (торт) коркард карда шуд. Технологияи истеҳсоли кармел ва мармелад бо истифодаи рангҳои табии ғизоӣ коркард карда шуд.

Аҳамияти амалии диссертатсия бо санадҳои санҷишӣ дар шароити истеҳсолӣ ва татбиқӣ тасдик шудааст.

Инчунин, натиҷаҳои ба дастомадаи таҳқиқот дар раванди таълими фанҳои «Технологияи истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ», «Иловаҳои хӯрока», «Асосҳои физикию биохимиявии истеҳсоли маҳсулоти хӯрока» дар барномаи таълимии бакалаврҳо ва магистрантҳо ва барои таҳияи маводҳои таълимӣ истифода шудаанд.

**Саҳми шахсии муаллиф**. Иштироки шахсии муаллиф дар ҳама марҳилаи иҷрои кор аз сохтани консепсияи илмӣ, гузоштани ҳадафҳо, ҳалли мушкилот, инчунин мустақилона гузаронидани таҷрибаҳои тадқиқот, таҳлили натиҷаҳои бадастомада, таҳияи хулосаҳо, омода кардани маводҳои нашрӣ ва навиштани диссертатсия иборат аст.

Натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар як қатор конференсияҳои илмӣ- амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ муҳокима гашта, дар маводҳои конференсияҳои мазкур нашр гардидаанд, аз он ҷумла дар конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ «Ҳамбастагии илм бо истеҳсолот дар раванди Саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон», Донишгоҳи технологии Тоҷикистон(22-23 апрели соли 2022); Хонишҳои XII Нӯъмоновӣ. “Натиҷаи тадқиқоти инноватсионӣ дар соҳаи илмҳои кимёвӣ ва техникӣ дар асри XXI”, Душанбе, (26 октябри соли 2022); конференсияии илмӣ-амалии байналмиллалӣ «Саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамбастагӣ бо эълон шудани «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқи ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф»» (18-19 ноябри соли 2022); конференсияии илмӣ-амалии байналмиллалӣ “Рушди устувори саноати миллӣ дар асоси амалигардонии “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фаннҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” (24-25 апрели 2023с.) Донишгоҳи технологии Тоҷикистон; конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар



Scanned with CamScanner

соҳаи илму маориф” асоси саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон” Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. (26 - 27 апрели соли 2024); конференсияи байналмилалӣ“Самарнокии ҳамбастаги илм бо истеҳсорлот дар партави саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, (25-26 октябри соли 2024).

**Интишорот.** Натиҷаҳои асосии бадастомадаи кори диссертатсионӣ дар 11 мақолаҳои илмӣ дарҷ шудааст, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби КОА назди Президенти ҶТ ва КОА-и Федератсияи Россия эътирофшуда, 6 мақола – дар маводҳои конференсияҳои илмӣ, 1 патент, 2 ҳуҷҷати меъёрӣ-ҳуқукии тасдиқшуда.

Диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 6D072701- Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва аз нав коркарди зироатҳои хӯшадор, лӯбиёӣ, маҳсулоти ғалладона, меваю сабзавот ва токпарварӣ аз рӯйи бандҳои зерин мувофиқат мекунад:

2.Коркарди илмиасоси - технологияи истифодаи навъҳои ашёи нав, барои истеҳсоли хӯроки омехта, ғалладонагӣ, нонӣ, макаронӣ, қаннодӣ, оби ҷави ғайриалкоголӣ, спиртӣ, хамиртурушӣ, ликеру арақ, маҳсулоти соҳаи шаробпазӣ, консервакунонӣ, хушккунии мева ва сабзавот, консентратҳои хӯрока ва истеҳсоли квас, истеҳсоли маҳсулоти тезхунуккунӣ, инчунин маҳсулоти коркарди дубораи соҳаҳои ғалладонагӣ, маҳсулоти мевагӣ ва сабзавотӣ бо мақсади истифодаи самараноки захираҳо ва баланд бардоштани арзишҳои биологии он.

3.Коркарди технологияҳои нав (аз он ҷумла интенсивӣ) ва такмилсозии технологияи истеҳсоли маҳсулоти мевагӣ ва сабзавотӣ, ангурпарварӣ, нонӣ, макаронӣ, қаннодӣ, оби ҷави ғайриалкоголӣ, алкоголӣ, хамиртурушӣ, ликёру арақ, шаробпазӣ, консервакунонӣ, хушккунии мева ва сабзавот, омехтаҳои хурокӣ ва маҳсулоти тезхунуккунӣ ва инчунин офаридани хатҳои ватании коркарди ашёи растанӣ.

6.Коркарди технологияи намудҳои нави маҳсулот бо истифодаи маҳсулоти ғайрианъанавӣ ва намудҳои нави ашё, омехтагиҳои мураккаб ва маҳсулоти нимтайёр бо танзими таркиби моддаҳои асосӣ ва ҷузъиёти фаъоли биологӣ, тағйири таркиби кимиёвӣ барои ба вуҷуд овардани маҳсулоти нави дорои сифати ғизонокии баланд ва сатҳи баланди истифодабарӣ, инчунин кор карда баромадани усулҳои коркарди ашёи растанӣ, аз ҷумла маҳсулоти дуюмдараҷа, офаридани технологиҳои истеҳсол ва нигоҳдории маҳсулоти гуштӣ, ширӣ ва мохӣ бо иловаи ашёи растанӣ, ва инчунин ҷузъиёти маҳсулот барои кудакон, маҳсулоти солим, махсус ва пархезӣ.

9.Таҳқиқоти равандҳои истеҳсоли маҳсулоти ферментдор, омӯзиши арзишҳои биологии маҳсулоти тайёр ва коркарди усулҳои тайёркунии



Scanned with CamScanner

захираҳои ашёи дубора бо истифодаи усулҳои физикавӣ ва биокимиёвӣ бо мақсади истеҳсол кардани ҷузъиёти арзишнок, аз ҷумла моддаҳои хуштаъмкунанда, рангкунанда ва ғализкунанда; технологияҳои ҷудо намудани ҷузъиёти алоҳида ва хушбӯйкунанда аз ашёи растанигӣ.

10.Офаридани технологияҳои дарёфт ва истифодабарии иловагиҳои хӯрокворини нимфунксионалӣ, аз он ҷумла дар асоси маҳсулоти коркарди дубораи соҳаҳои коркарди комплекси агросаноатӣ.

11.Офаридани технологияҳои маҳсулоти мевагӣ ва сабзавотӣ, ангурпарварӣ, нонӣ, макаронӣ, қаннодӣ, оби ҷави ғайриалкоголӣ, алкоголӣ, хамиртурушӣ, ликёру арақ, шаробпазӣ, консервакунонӣ, хушккунии мева ва сабзавот, омехтаҳои хурокӣ ва маҳсулоти тезхунуккунӣ бо истифодабарии моддаҳои микробиологӣ, ферментӣ, тасҳеҳи биологӣ, фаъоли биологӣ ва функсионалӣ, рангҳои хурока ва хушбуйкунандаҳо; коркарди технологияи маҳсулоти хурокаи ҳайвон, технологияҳои аз нав коркарда баромадани ашёи эндокринию-ферментӣ ва дуюмдараҷа.

**Кори диссертатсионии Саидов Ҳ.А. тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.**

Хулосаҳои кори диссертатсионӣ ва мақолаҳои илмие, ки дар мавзӯи диссертатсия нашр шудаанд, мувофиқати тахассуси илмии довталабро барои дарёти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) шиносномаи ихтисоси (6D072701 -Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва азнавкоркарди зироатҳои хӯшадор, лӯбиёӣ, маҳсулоти ярмагӣ, меваю сабзавот ва токпарварӣ) аз рӯйи бандҳои зерин тасдиқ мекунад:

2.Коркарди илмиасоси - технологияи истифодаи навъҳои ашёи нав, барои истеҳсоли хӯроки омехта, ғалладонагӣ, нонӣ, макаронӣ, қаннодӣ, оби ҷави ғайриалкоголӣ, спиртӣ, хамиртурушӣ, ликеру арақ, маҳсулоти соҳаи шаробпазӣ, консервакунонӣ, хушккунии мева ва сабзавот, консентратҳои хӯрока ва истеҳсоли квас, истеҳсоли маҳсулоти тезхунуккунӣ, инчунин маҳсулоти коркарди дубораи соҳаҳои ғалладонагӣ, маҳсулоти мевагӣ ва сабзавотӣ бо мақсади истифодаи самараноки захираҳо ва баланд бардоштани арзишҳои биологии он.

3.Коркарди технологияҳои нав (аз он ҷумла интенсивӣ) ва такмилсозии технологияи истеҳсоли маҳсулоти мевагӣ ва сабзавотӣ, ангурпарварӣ, нонӣ, макаронӣ, қаннодӣ, оби ҷави ғайриалкоголӣ, алкоголӣ, хамиртурушӣ, ликёру арақ, шаробпазӣ, консервакунонӣ, хушккунии мева ва сабзавот, омехтаҳои хурокӣ ва маҳсулоти тезхунуккунӣ ва инчунин офаридани хатҳои ватании коркарди ашёи растанӣ.

6.Коркарди технологияи намудҳои нави маҳсулот бо истифодаи маҳсулоти ғайрианъанавӣ ва намудҳои нави ашё, омехтагиҳои мураккаб ва маҳсулоти



Scanned with CamScanner

нимтайёр бо танзими таркиби моддаҳои асосӣ ва ҷузъиёти фаъоли биологӣ, тағйири таркиби кимиёвӣ барои ба вуҷуд овардани маҳсулоти нави дорои сифати ғизонокии баланд ва сатҳи баланди истифодабарӣ, инчунин кор карда баромадани усулҳои коркарди ашёи растанӣ, аз ҷумла маҳсулоти дуюмдараҷа, офаридани технологиҳои истеҳсол ва нигоҳдории маҳсулоти гуштӣ, ширӣ ва моҳӣ бо иловаи ашёи растанӣ, ва инчунин ҷузъиёти маҳсулот барои кудакон, маҳсулоти солим, махсус ва парҳезӣ.

9.Таҳқиқоти равандҳои истеҳсоли маҳсулоти ферментдор, омӯзиши арзишҳои биологии маҳсулоти тайёр ва коркарди усулҳои тайёркунии захираҳои ашёи дубора бо истифодаи усулҳои физикавӣ ва биокимиёвӣ бо мақсади истеҳсол кардани ҷузъиёти арзишнок, аз ҷумла моддаҳои хуштаъмкунанда, рангкунанда ва ғализкунанда; технологияҳои ҷудо намудани ҷузъиёти алоҳида ва хушбӯйкунанда аз ашёи растанигӣ.

10.Офаридани технологияҳои дарёфт ва истифодабарии иловагиҳои хӯроквории нимфунксионалӣ, аз он ҷумла дар асоси маҳсулоти коркарди дубораи соҳаҳои коркарди комплекси агросаноатӣ.

11.Офаридани технологияҳои маҳсулоти мевагӣ ва сабзавотӣ, ангурпарварӣ, нонӣ, макаронӣ, қаннодӣ, оби ҷави ғайриалкоголӣ, алкоголӣ, хамиртурушӣ, ликёру арақ, шаробпазӣ, консервакунонӣ, хушккунии мева ва сабзавот, омехтаҳои хурокӣ ва маҳсулоти тезхунуккунӣ бо  истифодабарии моддаҳои микробиологӣ, ферментӣ, тасҳеҳи биологӣ, фаъоли биологӣ ва функсионалӣ, рангҳои хурока ва хушбуйкунандаҳо; коркарди технологияи маҳсулоти хурокаи ҳайвон, технологияҳои аз нав коркарда баромадани ашёи эндокринию-ферментӣ ва дуюмдараҷа.

Кори диссертатсионии Саидов Ҳусен Аламуродович дар мавзӯи  “Коркарди технологияи истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ бо истифодаи рангҳои табиии ғизоӣ” ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD)  аз рӯи ихтисоси 6D072700 - Технологияи маҳсулоти  озуқа (6D072701 –Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва азнавкоркарди зироатҳои хӯшадор, лӯбиёӣ, маҳсулоти ярмагӣ, меваю сабзавот ва токпарварӣ) тавсия карда мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кушоди кафедраҳои технологияи  истеҳсоли маводи хӯрока, кафедраи химия ва кафедраи мошин ва дастгоҳҳои истеҳсоли хӯрока қабул шуд.  Дар ҷаласа 16 нафар иштирок карданд. Натиҷаи овоздиҳи “Тарафдор” -16 нафар, “Зид”-нест, “Бетараф"- нест. Суратҷаласаи № 3 аз 25.10.2024.



Scanned with CamScanner

**Аъзоёни ҷаласа кори диссертатсионии Саидов Ҳусен Аламуродович дар мавзӯи “Коркарди технологияи истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ бо истифодаи рангҳои табиии ғизоӣ”, ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D072700 - Технологияи маҳсулоти озуқа (6D072701 – Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва азнавкоркарди зироатҳои хӯшадор, лӯбиёӣ, маҳсулоти ярмагӣ, меваю сабзавот ва токпарварӣ) - ро муҳокима намуда, чунин қарор қабул менамоянд:**

1. Ба назар гирифта шавад, ки кори диссертатсионӣ дар мавзӯи: « Коркарди технологияи истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ бо истифодаи рангҳои табиии ғизоӣ» тадқиқоти мустақили муаллифро ҷамъбаст намуда кори илмии анҷомдодашуда, ки дар мавзӯи мубрам иҷро шудааст, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад.
2. Қарори ҷаласаи кушоди кафедраҳои технологияи истеҳсоли маводи хӯрока, кафедраи химия ва кафедраи мошин ва дастгоҳҳои истеҳсоли хӯрокаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон тасдиқ гардида, диссертатсияи номзадии Саидов Ҳусен Аламуродович дар мавзӯи: «Коркарди технологияи истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ бо истифодаи рангҳои табиии ғизоӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D072700 - Технологияи маҳсулоти озуқа (6D072701 – Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва азнавкоркарди зироатҳои хӯшадор, лӯбиёӣ, маҳсулоти ярмагӣ, меваю сабзавот ва токпарварӣ) ба Шӯрои диссертасионии 6Д.КОА-050 назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Раисикунандаи ҷаласа, декани факултети муҳандисӣ-технологӣ, н.и.т., дотсент,** **Мирзозода Г.Х.**

**Котиби ҷаласа:** **Кабиров Ф.О.**

**Эксперти мустақил, н.и.т., дотсент** **Ҳакимов Ғ.Қ.**

**Эксперти мустақил, н.и.т., и.в. дотсент** **Тураева Г.Н.**

*Имзои Мирзозода Г.Х., Кабиров Ф.О., Ҳакимов Ғ.Қ. ва Тураева Г.Н.-ро тасдиқ мекунам:*

**Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва назорати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон,** **Раҳматулло Нусратулло**



Scanned with CamScanner